**ДОНИШГОХИ МИЛЛИИ ТОЧИКИСТОН**
**Факултети молиявию иқтисодӣ**
**Кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ**

# Дастури методӣ
# оид ба иҷрои корҳои курсӣ
# барои донишҷӯёни ихтисосҳои 25010300- иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва 25010304-Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ

**Душанбе – 2022**

Дастур дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии
факултети молиявию иқтисодӣ мураттаб шудааст.

Мураттиб: н.и.и., дотсент Саидмуродова М.А.

Муқарризон: н.и.и., дотсент Убайдов Ф.С.

н.и.и., дотсент Гулов Ш.М.

Дастури мазкур мувофиқи барномаҳои таълимии фанҳои тадрисии кафедра ва Стандарти давлатӣ таълиф ёфтааст. Мақсади асосии таълифи ин васоити таълимӣ кумак ба донишҷӯён ва мутахасиссони соҳаҳои иқтисодиёт мебошад.

Дастур барои донишҷӯёни ихтисоси 25010304- идораи инвеститсияҳои хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Дастури пешниҳодшаванда дар суратҷаласаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ таҳти №15 аз 17.05. соли 2022 ва Шурои илмӣ методии факултети молиявию иқтисодӣ суратҷаласаи №11 аз 15 .06. соли 2022 барои чоп пешниҳод гардидааст.

Раиси шӯрои илмӣ-методии факултет,
д.и.и., профессор ___________ Иброҳимзода И.Р.

**ДАР ШӮРОИ ИЛМӢ-МЕТОДИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН МУҲОКИМА ВА ТАСДИҚ КАРДА ШУДААСТ**
**СУРАТҶАЛАСАИ № АЗ СОЛИ 2022**

# Сарсухан

Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ва муносибатҳои нави бозорӣ зарурияти ҷалби сармояи хориҷиро ба иқтисодиёти кишвари мо ба миён меорад. Омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ, бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок, идораи инвеститсияҳои хориҷӣ ва лоиҳасозии инветитсионӣ барои донишҷӯёне, ки дар самти иқтисодӣ таълим мегиранд, махсусан аз рӯи тахассусҳои иктмисоди ҷаҳон ва идораи инвеститсияҳои хориҷӣ, бояд аз самтҳо ва хусусиятҳои амалигардонии робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ва дар шароити ҷаҳонишавӣ хабардор бошанд.

Аз донишҷӯёни ихтисоси идораи инвеститсияҳои хориҷӣ талаб карда мешавад, ки аз ҷиҳати назариявӣ ва таҷрибавӣ бо хусусиятҳои амалигардонии инвеститсияҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ шинос шаванд ва роҳҳои самаранок истифодабарии маблағҳоро дарк намоянд.

Дастури методии зерин барои донишҷӯёни ихтисоси 25010304 пешбинӣ шудааст.

**Донишҷӯ бояд:**

- қобилияти истифода бурдани донишҳои асосии иқтисодӣ дар сохахои гуногуни муносибатхои иктисодии байналхалкӣ ва доштани малакаҳои ҷустуҷӯ, таҳлил ва истифодаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар фаъолияти касбии худ;
- қобилияти ҳалли вазифаҳо ва нақшаҳои стратегии сатҳҳои гуногуни низоми хоҷагии чахонӣ ба таври ратсионалӣ ва хароҷотҳои камтарин;
- қобилияти таҳкими донишҳои асосӣ дар соҳаи рушди иқтисодӣ ва самаранокии муносибатҳои иқтисодии байналхалкӣ.

**Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:**

***Донад:***

-мафҳумҳои асосӣ, консепсияҳо ва тамсила (модел)-ҳои муносибатхои иктисодии байналхалкиро;

- қобилияти истифода бурдани донишҳои асосии иқтисодӣ дар сохахои гуногуни иктисодиёти чахон ва муносибатхои иктисодии байналхалкиро;
- доштани малакаҳои ҷустуҷӯ, таҳлил ва истифода санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар фаъолияти касбии худро;
- технологияи коркард, таҳия ва амалисозии моделхои муосири рушди давлатхои чахонро;

***Тавонад:***

Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:

***Донад:***

- шаклҳо ва проблемаҳои асосии муносибатҳои иқтисодии байналхалкиро;
- накш ва мавқеи муносибатҳои иқтисодии байналхалкӣ дар амалияи хоҷагидорӣ;
- иштироки субъектҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ дар муносибатҳои иқтисодии байналхалкӣ ва нақши он дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- механизм ва хусусиятҳои иштироки мамлакат дар муносибатҳои иқтисодии байналхалкӣ;
- дарки зарурияти инкишофи робитаҳо чун омили муҳими рушди иқтисодӣ дар мамлакатро;
- рейтинги Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар раддабандии байналхалкии рақобатпазирӣ аз худ карда бошад.

***Тавонад:***

- қобилияти аз худ намудани мустақилонаи усулҳои нави таҳқиқот, инкишофи касбияти илмӣ ва амалии фаъолияти касбии худ;
- қобилияти мустақилона аз худ намудан ва дар амал истифода намудани донишҳо ва малакаҳои нав;
- қобилияти таҳлил ва истифода намудани сарчашмаҳои гуногун оид ҳолати иқтисодиёти чахон ва муносибатхои иктисодии байналхалкиро дошта бошад;

- қобилияти мустақилона омодасозии супоришҳо вобаста ба масоили нишондиҳандаҳои арзёбии иқтисодиёти чахонӣ ва муносибатхои иктисодии байналхалки.

***Аз худ намояд:***

-малакаи ҷамъбаст ва баҳодиҳии натиҷаҳое, ки дар омӯзиш ва таҳлили низоми муносибатхои иктисодии байналхалки ба даст оварда шудаанд;

– маҳорати муайян намудани самтхои стратегии тараққиёти хочагии чахон;

– таҳияи маводи таҳлилӣ барои арзёбии барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар давлатхои алохидаи чахон;

– маҳорати таҳлили донишҳои иқтисодӣ дар ҷараёни таълим

Дар дастури методии мазкур қоидаҳои интихоби мавзӯи кори курсӣ, тардибдиҳии нақшаи корӣ оварда шуда, тавсияҳо доир ба омӯзиши адабиётҳо, навиштан ва ороиши кор, инчунин, ҳимояи кори курсӣ пешниҳод карда шудааст.

## I. Мақсад ва вазифаҳои кори курсӣ

Кори курс*и*ро донишҷӯёни курси 2-юм ва 3-.м иҷро намуда, мақсад аз таҳлил намудани дониши назариявӣ ва малакаи амалие, ки дар раванди омӯзиши фаннҳои тадрисшаванда пайдо шудааст, иборат мебошад.

Ҳангоми иҷрои кори курсӣ донишҷӯён ба чунин комёбиҳо ноил мешаванд;

1. Маҳорати амиқи донишандӯзӣ ва устуворнамоии маводҳои назариявӣ;
2. Азхуднамоии малакаи корҳои тадқиқотӣ;
3. Инкишофи қобилияти эҷодии инфиродӣ барои ҳар як донишҷӯ.
4. Маҳорати ҷамъбастнамоии мавод ва далелнок намудани хулоса дар асоси маводҳои амалӣ;
5. Баён карда тавонистани нуқтаи назари мустақилонаи худ.

Барои иҷро ва ҳимояи кори курсӣ метавон давраҳои зайлро истифода бурд:

а) Интихоби мавзӯи кори курсӣ;

б) Интихоб ва омӯзиши адабиёти зарурӣ ва иловагӣ;

в) Тартиб додани нақшаи корӣ

г) Навиштани кори курсӣ

д) Ҳимояи кори курсӣ.

## II. Интихоби мавзӯи кори курсӣ.

Ҳангоми интихоби мавзӯи кори курсӣ донишҷӯ бояд аз рӯи проблемаҳо актуалӣ, доштани имконияти ҷамъоварии мавод ва адабиёти махсуси илмӣ, интихоби фаъолияти оянда амал намояд.

Қайд кардан зарур аст, ки ба кафедра пешниҳод кардани кори курсӣ натиҷаи кори мустақилонаи донишҷӯ аст.

Ба донишҷӯ аз рӯи қоида номгӯи тақрибии мавзӯҳои кори курсӣ, ки дар маҷлиси кафедра тасдиқ карда шудааст, пешниҳод мешаванд. Вале ин маънои онро надорад, ки донишҷӯён метавонанд корҳои курсиро танҳо аз рӯи мавзӯҳои пешниҳодшуда иҷро намоянд. Ҳангоми мувофиқа кардан бо роҳбари илмӣ донишҷӯ, метавонад, кори курсиро аз рӯи мавзӯи пешниҳодкардаи худ ё ин ки роҳбари илмӣ нависад.

Одатан, роҳбари илмии донишҷӯён устодоне таъин карда мешаванд, ки дар гурӯҳҳои академӣ дарс мегузаранд. Барои интихоби кори курсӣ мӯҳлати на зиёда аз ду ҳафтаи саршавии семестри тирамоҳӣ муқаррар карда шудааст. Ҳангоми бавуҷудоии мушкилот дар кори донишҷӯён ҷиҳати интихоби мавзӯи кори курсӣ барои гирифтани маслиҳат ба роҳбари илмӣ мурочиат карда мешавад. Донишҷӯёне, ки мавзӯи кори курсиро дар мӯҳлати муқарраркардашуда интихоб накардаанд, худи роҳбари илмӣ дар интихоб кардани он кӯмаки муайян менамояд. Муқаррараран, дар моҳи апрели ҳар соли хониш конфронси илмӣ – назариявии устодон ва донишҷӯёни ДМТ **(ҳафтаи илм)** гузаронида шуда, дар он донишҷӯён аз рӯи мавзӯҳои барои кори курсӣ муайян карда шуда, иштирок ва баромад карда метавонанд.[1]

Бомуваффақият тайёр кардани кори курсӣ аз фанни «Иқтисодиёти ҷаҳон» ё ин ки «Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ» метавонад оғози нек барои иштирок дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва дар оянда барои навиштани рисолаи хатмкунӣ самаранок мусоидат намояд.

## III. Интихоб ва омӯзиши адабиёт.

Донишҷӯ ба таври мустақилона адабиётро аз рӯи каталогҳои (рӯйхатҳои) дар ҳамаи китобхонаҳо, аз ҷумла дар китобхонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Китобхонаи Миллии Тоҷикистон ҷойдошта, аз рӯи маҷаллаҳои Иқтисодиёти Тоҷикистон: стратегияи тараққиёт, Омори солонаи Ҷумҳури Тоҷикистон, Фаъолияти иқтисоди берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ), Ахбори Бонки миллии

[1] - Номгуи намунавии корҳои курсї дар охири дастури методї (замимаи № 2) дода шудааст

Тоҷикистон (БМТ) инчунин дигар маҷаллаҳои ватанию хориҷӣ ва матбуоти даврии ба чоп расида интихоб намояд. Баланд бардоштани сифати кори курсӣ донистани меъёрҳои қонунгузорӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оиди мавзӯи тадқиқот ба вуҷуд оварда,барои азхуднамоии он мусоидат менамояд.

Зарур аст, ки дастурамал ва санадҳои меъёрии амалкунандаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки Миллии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои давлатӣ, ки ба проблемаҳои таҳқиқшаванда тааллуқ доранд, ба таври ҷиддӣ бояд омӯхта, баъдан таҳлил карда шаванд.

Омӯзиши адабиёт заҳмати пай дар пайро талаб менамояд. Вобаста ба ин маслиҳати роҳбари илмӣ зарур аст. Бинобар ин, омӯзиши адабиётҳоро аз китобҳои таълимӣ, санадҳои меъёрӣ, баъдтар омӯзиши монография ва мақолаҳои матбуоти даврӣ оғоз бояд кард.

Метавон, чунин давраҳоро дар омӯзиши адабиётҳо нишон дод;

- шиносоии умумӣ ба таркиб ва мазмун бо мақсади тартибдиҳии нақшаи кори курсӣ;
- омӯзиши амиқи адабиётҳо аз рӯи самти нақшаи корӣ.

Дар омӯзиши амиқи адабиётҳо мақоми асосиро мураттабсозии маводҳо, ҷудо намудани ақидаҳои назари гуногун, кор карда баромадани ақидаи худ оид ба масъалаи тадқиқшаванда ишғол менамояд. Аз рӯи маводҳои рақамӣ, баённамоии нуқтаи назари муаллифон, ақидаҳои мухталифи онҳо, истисно ба маъхазҳо дода мешавад.

## IV. Тартиб додани нақшаи кори курсӣ

Тасдиқ кардани мавзӯҳои кори курсӣ бояд аз рӯи нақша гузаронида шавад. Нақшаи кории дуруст тартибдодашуда асоси бомувваққият иҷро кардани кори курсӣ аст. Вай мазмуни асосии кори курсиро муайян намуда, мантиқро дар баённамоии маводҳо таъмин мекунад.

Нақшаи кори курсӣ метавонад, шакли зеринро дошта бошад:

***Муқаддима (Сарсухан)***

§ 1
§ 2
§ 3
§ 4

***Хулоса***

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда.**

Нақшаи кори курсӣ бо роҳбари илмӣ мувофиқа карда мешавад.

Дар раванди тадқиқот нақшаи кориро метавон аниқ карда ва тағйир дод.

## V. Навиштани кори курсӣ.

**Муқаддима.** Сарсухан қисми бисёр муҳим буда, дар он мавзӯи актуалии интихобшуда, дараҷаи омӯзиш ва далелҳои муаллиф нисбат ба интихоби он асоснок карда мешавад. Одатан, муқаддима баъд аз навиштани қисми асосии кор ва хулоса тартиб дода мешавад. Ҳаҷми он на зиёда аз 1,5-2 саҳифа бошад. Дар муқаддима тавсифи мухтасари маводҳои истифодашуда нишон дода мешавад. Инчунин дар сарсухан муаллиф бояд мавзӯи интихобшударо ҷиддан омӯзад (актуалӣ будани онро нишон ва ба ҷиҳати нокифоягии тадқиқот баҳои объективӣ диҳад ва бо далелҳо асоснок намояд) мақсад ва вазифаҳое, ки оиди мавзӯи мазкур дар назди худ гузоштааст, нишон дода тавонад.

**Қисми асосӣ.** Дар қисми асосии кор муаллиф моҳияти маъсалаҳоеро, ки вай дар нақша нишон додаст, бояд возеҳу равшан баён намояд.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки қисми асосии корро аз баён кардани мазмуни назариявии мавзӯъ, ҷанбаҳои таърихи он бояд оғоз намуд. Барои

кушодани моҳияти ҳодиса ва раванди омӯхташаванда, тамоил ва дурнамои онҳо тавсия дода мешавад. Ҳамин тавр, муаллифи кори курсӣ ақидаҳоро оид ба проблемаи омӯхташаванда, ки дар адабиётҳои соҳаи иқтисодӣ баён шудаанд, пешниҳод намуда, нуқтаи назари худро доир ба масъалаи мазкур пешниҳод намояд. Баъдтар, ба омӯзиши нишондиҳандаҳо мушаххас қарор гирифта, маводҳои ҳақиқии аз манбаҳои гуногун гирдовардаро таҳлил намудан лозим меояд.

Дар кор маводҳои оморӣи оварда шуда бояд бо матн зич алоқамандӣ дошта бошад. Аз рӯи имкон ҳамон маводҳои омориро бояд дар ҷадвал, график, диаграмма, схема ҷой дод ва бояд онҳо рақамгузорӣ карда шаванд, ки бо истифодаи маъхазҳо бо нишондоди саҳифа, манбаи гирифташудаи маълумот, воҳидҳои андозагирии нишондиҳандаҳои овардашуда истифода шаванд инчунин давраҳое, ки ба онҳо тааллуқ доранд, бояд нишон дода шаванд.

Қисми асосии кор бояд моҳияти масъалаҳои баёншударо, ки дар нақша нишон дода шудааст, фаро гирифта, проблемаҳои асосӣ ва нуқтаи назари мухталифро дар мавриди онҳо дар бар гирад, таклифотҳо, роҳҳо ва проблемаҳои гузошташуда бояд асоснок карда шаванд.

**Хулоса.** Дар хулоса, муаллиф ба тариқи фишурда натиҷаи тадқиқотро мухтасар баён медорад. Хулоса набояд давоми мантиқии кор бошад. Вай метавонад ҷамъбасткунандаи қисматҳои асосии кор бошад. Ҳаҷми хулоса на зиёд аз 2-3 саҳифа бошад.

## VII. Ороиши кори курсӣ.

Ҳаҷми умумии кор бояд 25-30 саҳифаи матни чопӣ (***компютер***ӣ) ё ин ки дастнависро ташкил диҳад. Кори курсӣ аз рӯи чунин меъёрҳо бояд ороиш дода шавад: аз рӯи интервали 1,5 дар вараќи формати стандартӣ (60 аломат дар сатр, бо дохилоти байнӣ, 29 сатр дар саҳифа) иҷро карда шавад. Дар ҳар ду тарафи варақ чунин ҷой монда шавад: чап-3см, рост-1,5 см, аз боло на камтар- 2см, поён 1,5 см.

Рақамгузори пай дар пай аз варақаи титулӣ сар мешавад, вале саҳифабандӣ баъди нақшаи корӣ аз саҳифаи 3 бояд сар шавад. Рақами саҳифабандӣ дар боло дар мобайни саҳифа (дар ҳудуди 1,5см) нишон дода мешавад.

Варақаи титулӣ бояд дар шакли муқарраркардашуда мутобиқат намояд (ниг. замимаи 1).

Рӯйхати адабиётҳои истифодашуда аз рӯи тартиби зайл тавсия карда мешавад;

-Қонуни ҶТ, баъд фармони Президенти ҶТ, баъд аз онҳо Қарорҳои Ҳукумати ҶТ бо тартиб аз рӯи сол;

- санадҳои меъёрӣ ва дастурамалҳо;
- адабиёти монографӣ, даврӣ ва таълимӣ;
- маводҳои амалӣ.

Рӯйхати монография ва дигар адабиётҳои истифодашуда бо тартиби алфавити ному насаби муаллифҳо дода мешавад. Ҳангоми ғоиб будани ному насаби муаллиф номи сарчашма нишон дода мешавад. Замима ба ҳаҷми кор дохил нест, вале рақамгузорӣ карда мешавад. Ҳаҷми замима маҳдуд карда намешавад.

Ба кори курсӣ бояд рақам гузошта шавад ва  муаллиф бо нишондоди санаи баохиррасии кор имзо гузорад.

## **VIII. Ҳимояи кори курсӣ**

Донишҷӯ кори курсиро бояд ба кафедра на дертар аз мӯҳлати муқарар кардашуда супорад. Дар кафедра дафтари (журнали) баҳисобгирии кори курсӣ ташкил карда шуда, дар он санаи супоридани кори курсӣ, ҳимоя ва баҳо қайд карда мешавад. Бо қарордоди кафедра дар журнал метавон санаи дигар, санаи додани кори курсӣ ба роҳбари илмӣ қайд карда шавад.

Кори курсиро аз донишҷӯ қабул карда, масъулини кафедра дурустии ороиши онро тафтиш намуда дар журнал қайд менамоянд.

Роҳбари илмӣ, кори курсиро тафтиш карда, ба таври хаттӣ тақриз омода месозад, ки дар он бартарӣ ва камбудии кори курсӣ қайд карда шуда, санаи ҳимояро таъин менамояд. Дар мавриди ба талабот ҷавобгӯ набудани кори курсӣ барои такмилгардонӣ бо муқаррар кардани мӯҳлати дуюми супоридани кор ба кафедра пас гардонида мешавад.

Дар асоси тақризи хаттии роҳбари илмӣ донишҷӯ барои ҳимояи кори курсӣ тайёрӣ дида, камбудӣ ва тавсияҳои дар тақриз нишондодашударо ислоҳ менамояд.

Бо салоҳдиди кафедра ҳимояи кори курсиро метавон аз рӯи ду вариант гузаронид:

**1.** Кафедра ҳайати комиссияро, ки иборат аз роҳбари илмӣ ва аъзоёни кафедра мебошанд, ҷиҳати ҳимояи кори курсӣ таъин мекунад.

**2.** Ҳимояро танҳо ҳайати комиссия қабул мекунад.

Дар вақти ҳимояи кори курсӣ донишҷӯ бояд ҳатман ба саволҳои додашудаи роҳбари илмӣ ва аъзоёни комиссия ҷавоб диҳад.

Баҳои кори курсӣ ба дафтарчаи имтиҳонотӣ (бидуни баҳои ғайриқаноатбахш) ва варақаи титулӣ гузашта мешавад. Дар ҳолати баҳои ғайриқаноатбахш гирифтан мӯҳлати нави ҳимояи кори курсӣ таъин карда мешавад. Кори курсии ҳимояшуда дар кафедра ба мӯҳлати муқарраргардида нигоҳ дошта мешавад.

Замимаи 1

Шакли варақаи титулӣ

Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон

Кафедраи
**«Иқтисодиёти ҷаҳонӣ»**

# КОРИ КУРСӢ

Аз фанни «Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ»

дар мавзӯи:___________________________________
_______________________________________________________________
_______________________

**Иҷро кард**; __________
__________________
ному насаби донишҷӯй

**Қабул кард:** __________
___________________
ному насаби роҳбари илмӣ.

**Душанбе – 2022**

Замимаи 2

**Номгуи намунавии**
**корҳои курсӣ аз фанни Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ барои донишҷӯьни курси 3-юми ихтисоси 25010304-идораи инвеститсияҳои хориҷӣ**

| |
|---|
| Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ (МИБ): Сохтор ва хусусиятҳои муосири он. |
| Назарияи бартарияти мутлақ ва нисбии тиҷорати байналхалқӣ. |
| Назарияи таносуби омилҳои истеҳсолоти Хекшер - Олин |
| Тадқиқи назарияи таносуби истеҳсолот ва Парадокси Леонтев. |
| Моҳият ва шаклҳои тақсимоти байналхалқии меҳнат (ТБМ). |
| Хусусиятҳои иштироки Чумҳури Тоҷикистон дар низоми тақсимоти байналхалқии меҳнат. |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи МИБ. |
| Таҳлили сохтор ва динамикаи тиҷорати байналхалқӣ дар замони муосир. |
| Инкишоф ва дурнамои тиҷорати берунии Тоҷикистон. |
| Назарияҳои алтернативии тиҷорати байналхалқӣ. |
| Бурд ва тақсимоти даромад танзими тиҷорати беруна ва усулҳои асосии он. |
| Усулҳои танзими тиҷорати беруна |
| Танзими байналхалқии тиҷорати берунӣ |
| М. Портер ва назарияи рақобати байналхалқӣ. |
| Назарияи ҳаракати даврии мол дар тиҷорати байналхалқӣ |
| Мавқеи мамлакатҳои тараққикарда дар тиҷорати ҷаҳонӣ. |
| Мамлакатҳои ру ба инкишоф ва мавқеи онҳо дар тиҷорати ҷаҳонӣ. |
| Моҳият ва нишондиҳандаҳои асосии иқтисодиёти кушод. |
| Ҳаракати байналхалқии сармоя: моҳият ва шаклҳои он. |
| Асосҳои назариявии содироти сармоя дар ҷаҳон. |
| Сармояи қарзӣ ва хусусиятҳои ҳаракати он |

| |
|---|
| Сармоягузориҳои хориҷӣ: моҳият ва шаклҳои он. |
| Шаклҳои содироти сармоя дар ҷаҳон |
| Таъсири  сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ |
| Нақши иқлими сармоягузорӣ дар ҷалби сармояи хориҷӣ. |
| Режими сармоягузорӣ: моҳият ва хусусиятҳо. |
| Сармоягузориҳои хориҷӣ дар мамлакатҳои ҷаҳон |
| Режимҳои инвеститсионӣ ва намудҳои он |
| Ширкатҳои фарромиллалӣ ва сармоягузориҳои хориҷӣ. |
| Тасниф ва тавсифи ширкатҳои байналхалқӣ дар ҷаҳон |
| Тамоилҳои муосири ҳаракати байналхалқии сармоя дар ҷаҳон |
| Ташкили иқлими инвеститсионии мусоид дар ҶТ |
| Асосҳои қонунгузории инвеститсияи хориҷӣ дар ҶТ |
| Нақши сармоягузориҳои хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти ҶТ |
| Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтсиодиёти ҶТ |
| Ташкили корхонаҳои муштарак  дар иқтисодиёти ҶТ |
| Масъалаҳои ва танзими сармоягузориҳои байналхалқӣ дар ҷаҳон. |
| Ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти давраи гузариш |
| Асосҳои назариявии сармоягузории мустақим. |
| Ҳиҷрати байналхалқии қувваи корӣ: моҳият ва сабабҳо. |
| Марказҳои асосии ҷалби қувваи корӣ дар ҷаҳон. |
| Сатҳои асосии ҳаракати қувваи корӣ дар ҷаҳон |
| Таснифи муҳоҷирони меҳнатӣ дар хоҷагии ҷаҳон |
| Масъалаҳои танзими муҳоҷирати байналхалқии қувваи коргарӣ |
| Хусусиятҳои муҳоҷирати қувваи корӣ дар ҶТ |
| Таъсири муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ ба мамлакатҳои содиркунанда ва воридкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| Хусусият ва аҳамияти иқтисодии интиқоли воситаҳои пулӣ ба ҶТ. |
| Проблемаҳои муҳоҷирати байналхалқии меҳнатӣ  дар ҶТ. |
| Муҳоҷирати байналхалқии меҳнатӣ ва таъсири он ба бозори меҳнати ҶТ. |
| Сиёсати мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон |

| |
|---|
| Интегратсияи иқтисодии байналхалқӣ ва заминаҳои асосии ташкилёбии он. |
| Заминаҳои инкишофи интегратсияи байналхалқии иқтисодӣ |
| Ташкилотҳои минтақавии интегратсионӣ дар чаҳон |
| Интегратсионии иқтисодӣ дар Аврупои Ғарбӣ ва хусусиятҳои он. |
| Интегратсияи асъорӣ дар Иттифоқи Аврупо. |
| Тамоюлҳои инкишофи интегратсияи иқтисодӣ дар Иттифоқи Аврупо дар асри XX1 |
| Инкишофи интегратсияи иқтисодии байналхалқӣ (ИИБ) дар минтақаи Америкаи Шимоли ( НАФТА) |
| Равандҳои ИИБ дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ |
| Инкишофи интегратсияи иқтисодии байналхалқӣ дар минтақаи Африка. |
| Ташкилотҳои минтақавии интегратсионӣ дар Америкаи Ҷанубӣ. |
| Марҳалаи аввали минтақаҳои озоди интегратсияи иқтисодӣ |
| Интегратсияи минтақавии иқтисодӣ дар мамлакатҳои иқтисоди гузариш. |
| Иттиҳоди иқтисодии Осиёву Аврупо (ЕврАзЭС) |
| Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои минтақавии интегратсионӣ. |
| Мақсад ва дурнамои иштироки ҶТ дар ЕврАзЭС. |
| Мубодилаи байналхалқии технология ва объектҳои асосии он. |
| Хусусиятҳо ва миқёси тиҷорати литсензионӣ. |
| Мусоидати байналхалқии технологӣ ҳамчун шакли таҳвили технологияҳо. |
| Ширкатҳои фарромиллалӣ ва таҳвили байналхалқии технология. |
| Моҳият ва унсурҳои таркибии низоми байналхалқии асъор. |
| Марҳилаҳои инкишофи низоми байналхалқии асъор |
| Низоми байналхалқии асъори Бреттон-Вудс |
| Низоми байналхалқии асъори Ямайка ва проблемаҳои муосири он. |
| Қурби асъор: моҳият ва омилҳои он. |
| Хусусиятҳои истифодаи режимҳои қурби асъор дар шароити |

| |
|---|
| иқтисодиёти кушод |
| Бозори байналхалқии асъор ва иштирокчиёни асосии он. |
| Нақши хазинаи байналхалқии асъор дар танзими низоми асъории ҷаҳон. |
| ҶТ дар низоми байналхалқии асъор. |
| Асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури низоми асъори мамлакат. |
| ҶТ ва бозори байналхалқии қарзӣ. |
| Мавқеи мамлакатҳои нави саноатии Осиёи Ҷануби Шарқӣ дар низоми МИБ |
| Мамлакатҳои нави саноатии Америкаи Ҷануби дар низоми МИБ. |
| Равандҳои глобализатсионӣ (ҷаҳонишавӣ) ҳамчун тамоили муосири хоҷагии ҷаҳон. |
| Глобализатсияи  хоҷагии ҷаҳон ва оқибатҳои он. |
| Ширкатҳои фарромиллалӣ ҳамчун субъекти МИБ. |
| Хусусиятҳо ва танзими байналхалқии тиҷорати байналхалқии хадамот. |
| Инжиниринги байналхалқӣ: моҳият ва намудҳо. |
| Низоми байналхалқии асъори Париж ва Генуя. |
| Сабабҳо ва оқибатҳои бухронҳои низомҳои байналхалқии асъор. |
| Ҳиҷрати байналхалқии қувваи корӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти ҷаҳон. |
| Усулҳои пардохти литсензия дар созишномаи литсензионӣ. |
| Масъалаҳои таҳкимуинкишофи  содироти ҶТ. |
| Саҳми ширкатҳои фаромиллалӣ дар пешрафти саноати ҷаҳон. |
| Проблемаҳои умумибашарӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо. |
| Камбизоатӣ ва роҳҳои ҳалли он. |
| Сохтори соҳавии иқтисодиёти ҷаҳон. |
| Монополияҳои байналхалқӣ: хусусияти фаъолият ва соҳаҳои асосӣ. |
| Мавқеи ОПЕК дар бозори ҷаҳонии нафт. |
| Хусусиятҳои нархгузорӣ дар бозори ҷаҳонии молу хадамот.. |
| Сабабҳои  ба вуҷудоии бӯҳрони иқтисодии байналхалқӣ дар иқтисоди ҷаҳон. |
| Оқибатҳои бухрони иқтисоди дар иқтисодиёти мамлакатҳои ҷаҳон. |

**Мундарича:** **саҳ.**

**Сарсухан ……………………………………………………… 3**

**Мақсад ва вазифаҳои кори курсӣ…………………………… 4**

**Интихоби мавзӯи кори курсӣ………………………………… 4-5**

**Интихоб ва омӯзиши адабиёт………………………………… 5**

**Тартиб додани нақшаи кори курсӣ…………………………… 6**

**Навиштани кори курсӣ………………………………………….. 6-7**

**Ороиши кори курсӣ……………………………………………… 7-8**

**Ҳимояи кори курсӣ……………………………………………… 8**

**Замимаи №1……………………………………………………… 9**
**Замимаи №2,Номгуи намунавии корҳои курсӣ……………………. 10-12**
**Мундарича……………………………………………………………13**